1190 - Ҳукми тарошидани риши марди дигар

савол

Ман мусулмони амалкунанда ва ришдор мебошам. Ман сартарошхонаи мардона дорам. Ин касби ман аст, ки бо ин касб ман риши муштариёнро метарошам ва барои ҳамвор кардани мӯи муштариён аз мӯйхушккунак (фен) истифода мекунам. Ҳукми дин дар ин бора чист?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Аввал:

Бар асоси далелҳои саҳеҳ оиди ҳаром будани риштарошӣ, бар мусулмон ҳаром аст, ки ришашро тарошад. Ва ҳамчунин бар дигарон ҳаром аст, ки риши ӯро битарошанд, зеро ин амал аз боби ҳамкорӣ дар гуноҳу таҷовуз аст. Аллоҳ таъоло дар ояти зерин аз ин кор наҳӣ кардааст:

وَلا تَعَاوَنُوا عَلَى الإِثْمِ وَالْعُدْوَانِ

(سورة المائدة: ٢)

«Ва ҳамдигарро дар гуноҳу таҷовуз кӯмак накунед». (Сураи Моида: 2).

Дуввум:

Барои шумо ҷоиз аст, ки мӯи мардонро шонаву ҳамвор бикунед ва бар он равғану хушбӯй бимолед, вале барои шумо ҷоиз нест, ки ин корҳоро бар занон бикунед, (яъне барои шумо ҷоиз нест, ки мӯи занонро шонаву ҳамвор бикунед ва бар он равғану хушбӯй бимолед), ба ҷуз ба маҳрамони худ.